**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Нематуллоев Муродбек Музафарович дар мавзуи «Усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат» (дар мисоли Муассисаи таълимии давлатии “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе”) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)**

Навгониҳое, ки солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омада истодаанд, боиси тағйироти куллӣ дар фазои иҷтимоӣ-сиёсии ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла, дар низоми таҳсилоти ватанӣ мегарданд. Муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои тарбиявиеро мавриди истифода қарор медиҳанд, ки ба фаъолияти хонандагон таъсири мусбат мерасонанд.

Муассисаҳои таълимӣ ниҳоди муҳими иҷтимоӣ ба шумор рафта, дар самти тарбияи хонанда ва самарабахш гардондани раванди таълим бо истифода аз усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимӣ ба масъалаи мубрами ҳаёти иҷтимоии ҷомеа табдил ёфтааст.

Мақсади асоссии таҳқиқот муайян намудани усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон тавассути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат мебошад.

Рисолаи мазкур, аз муқаддима, ду бобҳо, хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима оид ба мубрамияти масъалаи мазкур, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои тадқиқот, усули пажӯҳиш навовариҳои он, аҳамияти назариву амалии рисола, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарду татбиқи натиҷаҳои кор баррасӣ шудааст.

Боби якум “Асосҳои назариявии дарёфт ва рушди қобилияти зеҳнии хонандагони болаёқат” аз се фасл иборат буда, дар он масъалаҳои лаёқатмандии хонандагон дар низоми муосири таҳсилот, усулҳои инноватсионии психологӣ ва педагогии дарёфти хонандаи болаёқат вобаста ба гуногунии навъҳои лаёқатмандӣ,

инчунин принсипҳои асосии таълими хонандагони болаёқат мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Қайд мегардад, ки аз нуқтаи назари равоншиносӣ лаёқатмандӣ объекти мураккабе мебошад, ки дар он идрок, эҳсос, ирода, ангеза, ҳолати психофизиологӣ ва дигар соҳаҳои шахсияти инсон бо ҳам печидаанд. Дар ин раванд доимо мушкилоти педагогиву психологии мутаносиб бо гуногунии навъҳои лаёқатмандӣ, шумораи бисёри равишҳои мутақобили назариявӣ ва усулҳои муайянсозии он, бисёрҷабҳагии таҳсилоти муосир, инчунин шумораи фавқуллода ками мутахассисони махсус барои кор бо кӯдакони болаёқат дар муассисаҳои таълимии шаклҳои гуногун ҷой доранд. Ин масъала таваҷҷуҳи олимону мутафаккирони ҳам гузашта ва ҳам муосири тоҷикро ба худ ҷалб намудааст. Дар маснавии “Ҷӯйи Бекобод” Тошхӯҷаи Асирӣ омӯхтани илму донишро мувофиқи талаби давру замон меҳисобад. Шоир, чуноне ки аз боби “Дар насиҳати фарзанд” бармеояд, тарафдори илмест, ки мардумро “аз банди фақр озод намояд” ва “ҳосили он ганҷ” бошад. Абдураҳмони Ҷомӣ дар “Баҳористон” аҳамияти бузурги илму донишро дар ҳаёти инсоният борҳо қайд намуда, одамонро ба пардохтани илму дониш ҳидоят мекунад. Ӯ нишон медиҳад ,ки дарёи илм бепоён буда, фаро гирифтани ҳамаи илмҳо аз имкон берун аст. Бинобар ин, бояд бо камоли масъулият фақат илми зарууртаринро омӯзад.

Боби дуюм – “Таълими иловагӣ ҳамчун омили рушди зеҳнии хонандагони болаёқат” ном гирифта, дар он низоми банақшагирии таълими иловагӣ барои хонандагони болаёқат дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шуда, масъалаи такмили донишу маҳорати хонандагони болаёқат дар ҷараёни таълими иловагӣ ва низоми омодасозии хонандагон ба олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои зеҳнӣ тавассути таълими иловагӣ дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе баррасӣ гардидааст.

Муаллиф дар кори илмии худ сарчашмаҳои фаровони илмиро истифода намуда, дар асоси хулосаҳои дақиқи илмӣ нақши назариву амалии мавзуи мавриди таҳқиқро дар раванди таълими хонандагони болаёқат муфассал баён намуда, навгониҳои илмидоштаро пешниҳод намудааст.

Автореферат аз ҷиҳати масъалагузорӣ ва ҳалли масъалаҳои мазкур банду баст шуда, хулосаҳои амиқи илмӣ пешниҳод шудааст.

Кори илмии Нематуллоев Муродбек Музафарович дар мавзуи «Усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат» (дар мисоли Муассисаи таълимии давлатии "Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе") таҳқиқоти ба анҷомрасида буда, автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос карда, мақолаҳои чоп намудаи муаллифи диссертатсия ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Нематуллоев Муродбек Музафарович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мувофиқ мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
муовин ректор оид ба тарбияи Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулфия Аҳмадзода

Маълумот барои тамос:
734003. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носиров 33
Тел. (+992) 985459980; E-mail: zulfiya.did@mail.ru

Имзои Зулфия Аҳмадзодаро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳомидов Ш.Б.